# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07.02.2025, №56**

Барои сазовор донистани Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) дода шавад.

Диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) санаи 29 ноябри соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №70 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Докторант (PhD) Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна, соли таваллудаш 07.09.1992, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси муаллими калони кафедраи молия ва андози МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолият намуда истодааст.

Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна 7 сентябри соли 1992 дар оилаи хизматчӣ таваллуд ёфтааст. Ӯ соли 2010 мактаби миёнаи №23-и шаҳри Хуҷандро хатм намуда, худи ҳамон сол ба ихтисоси менеҷменти молиявии факултети бизнес ва идоракунӣ ба Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба дохил мешавад. Соли 2014 донишгоҳи номбурдаро бомуваффақият хатм намуда ба шӯъбаи магистратураи ДДҲБСТ аз рӯи ихтисоси менеҷмент дохил шуда, онро соли 2016 хатм намудааст.

Соли 2018 ба докторантура PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600 “Иқтисодиёт” дохил шуда, соли 2021 бомуваффақият хатм намудааст. Имтиҳони давлатии маҷмуиро бо баҳои аъло супоридааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна докторанти (PhD) кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба шумор мерафт. Мавзуи диссертатсияи Мирбобоева М.И. дар Шурои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”аз таърихи 29.11.2018, протоколи №4 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Мамадов Сайидмуродхон Валиевич-** номзади илмҳои иқтисодӣ**,** дотсент, мудири кафедраи молия ва андози МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

**Муқарризони расмӣ:**

**Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Нурализода Амрулло Назрулло -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва карзи ДДМИТ, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби Саидова Ҳ.М. н.и.и дотсенти кафедраи "Назарияи иқтисодӣ"-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи "Назарияи иқтисодӣ" баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №8а, аз 08.01.2025) ва аз тарафи д.и.и., мудири кафедраи мазкур Комилзода А.Қ. имзо гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Насриддинзода Э.С. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин омадааст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи "Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон), аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ мувофиқи талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионӣ Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) дода шавад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) 19 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷалаҳои тақризшаванда

[1-М]. Мирбобоева М.И. Нақши Пешвои миллат дар ташаккулёбии тафаккури эҳсонкорӣ байни соҳибкорони ватанӣ [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2019. №1(48). - С. 132-137 **(ISSN 2077-4974)**.

[2-М]. Мирбобоева М.И. Фаъолияти эҳсонкории соҳибкорони ватанӣ дар инкишофи соҳаҳои иҷтимоии кишвар [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2019. №1(47). – С. 126-132 (**ISSN 2077-4974**).

[3-М]. Мирбобоева М.И. Асосҳои назариявии иқтисодиёти эҳсонкорӣ: мафҳум, муҳтаво ва таснифоти он. [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ

ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2021. №2(57). – С. 146-150 (**ISSN 2077-4974**).

[4-М]. Мирбобоева М.И. Генезиси фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ: аз давраи дунёи қадим то марҳилаи муосир. [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд, 2021. №2(57). – С. 139-145 (**ISSN 2077-4974).**

[5-М]. Мирбобоева М.И. Таҳлили таҷрибаи хориҷии татбиқи фаъолияти эҳсонкорӣ (хайриявӣ) дар марҳилаи муосир [Матн] / М.И. Мирбобоева // НОМАИ ДОНИШГОҲ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2023. №1(68). – С. 166-173 (**ISSN 2077-4974**).

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Мирбобоева М.И. Эҳсонкорӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ: таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ. / М.И. Мирбобоева. С.В. Мамадов, //. Международное научно-практическое конференция «GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2019: CENTRAL ASIA». Астана, Казахстан: 18 марта 2019. С. 16-21 (0,3ҷ.ч.)

[7-М]. Мирбобоева М.И. Нақши паёми Пешвои миллат дар таҳкими буҷети давлатӣ ва маблағгузории соҳаҳои иҷтимоии кишвар. / М.И. Мирбобоева. С.В. Мамадов, //. Конференсияи илмӣ–амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Паёми Пешвои миллат – оинаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва мадании Тоҷикистон». ш. Панҷакент: Паёми Донишкада/Махзани илм. 2019, № 1/1. - С. 545-551(0,3 ҷ.ч.)

[8-М]. Мирбобоева М.И. Фаъолияти эҳсонкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мафҳум, муҳтаво ва таснифоти он. Конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ дар МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таҳти унвони "Мавқеи ҷавонон дар рушди илм" – Хуҷанд, 2019. – С. 6 - 8. (0,2 ҷ.ч.)

[9-М]. Мирбобоева М.И. Экономические аспекты благотворительной деятельности. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов, //. IV- Республиканская научно–практическая конференция "Наука – основа инновационного развития" – Душанбе, 2019, ТТУ им.ак. М.С.Осимӣ. – С.175-177 (0,2 ҷ.ч.)

[10-М]. Мирбобоева М.И. Экономические аспекты развития спонсорства и благотворительности в Таджикистане: состояние и перспективы. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // Международная научно-практическая конференция «Modern engineering education: contemporary international challenges and perspectives» в рамках международного проекта extend 586060-epp-1-2017-po-eppka2-cbhe jp «excellence in engineering education through teacher training and new pedagogic approaches in Pussia and Tajikistan» 2019- С.42 (0,15 ҷ.ч.)

[11-М]. Мирбобоева М.И. Фаъолияти эҳсонкории соҳибкорон дар таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов, //. Конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ, бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд, 2019. ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд.– С.335-339. (0,5 ҷ.ч.)

[12-М]. Мирбобоева М.И. Формирование благотворительной деятельности в перераспределительных экономических отношениях Республики Таджикистан. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов, // Конференсияи вилоятии илмию амалӣ таҳти унвони «Саноатикунонии босуръат: таърих ва замони муосир».– МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». Хуҷанд, 2019.– С.

[13-М]. Мирбобоева М.И. Ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти эҳсонкории соҳибкорони ватанӣ дар таъмини саноатикунонии босуръати кишвар. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов, // Конференсияи вилоятии илмию амалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои иқтисодию молиявии саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ» ДДҲБСТ. Хуҷанд, 2021.

[14-М]. Мирбобоева М.И. Изучение благотворительной деятельности в экономических отношениях Республики Таджикистан. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // Конференсияи илмӣ-амалии Ҷумхуриявӣ дар мавзӯи "Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар рушди иқтисодию ичтимоии Ҷумхурии Тоҷикистон" бахшида ба 10-солагии таъсисёбии ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. 2019

[15-М]. Мирбобоева М.И. Нуктаҳои асосии иқтисодиёти эҳсонкорӣ: мафҳум, муҳтаво ва таснифот. / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // XI Международное научно-практическое конференция «GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2020: CENTRAL ASIA». Астана, Казахстан: 2020. – С. 15-18 (03ч.ч.)

[16-М]. Мирбобоева М.И. Таҳаввули фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун падидаи ичтимоӣ-иқтисодӣ: аз давраи дунёи қадим то марҳилаи муосир / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // XII Международное научно-практическое конференция «GLOBAL SCIENCE AND INNOVATIONS 2021: CENTRAL ASIA». Астана– Казахстан: 2020 С. 29-34 (03ч.ч.)

[17-М]. Мирбобоева М.И. Таҳлили институтсионалии фаъолияти эҳсонкорони ватанӣ дар рушди соҳаҳои ичтимоӣ дар охири асри XIX оғози асри XX. / М.И. Мирбобоева С.В. Мамадов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба ҷашнҳои бузурги "5500 солагии саразми бостонӣ", "700–солагии Камоли Хуҷандӣ" ва "Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) ДМТ. – Душанбе, 2020.

[18-М]. Мирбобоева М.И. Благотворительность на краудфандинговых платформах в условии цифровой экономики свободного заработка / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // международная научно-практическая конференция. Узбекистан, г. Карши, – 2021. – С.55-61

[19-М]. Мирбобоева М.И. Charitable activities in the context of digitalization / М.И. Мирбобоева, С.В. Мамадов // Международная конференция «Smart Technologies for Society, Government, Economy» г.Ростов на Дону, 2023. –С. 21-28.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Ҷурабоев Ѓ.Ҷ.-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

2. Иртиботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи соҳибкории ичтимоӣ" бо фаъолияти эҳсонкорӣ" муайян карда нашудааст;
3. Робитаи мутақобила ва саҳми эҳсонкорон дар ғанӣ гардонидани Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар намерасад.

**2. Раҳимов А.М.- профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ бо чунин эродҳо:**

1. Ҳисоби потенсиали эҳсонкории аз ҷониби муҳаққиқ пешниҳодшуда, на ҳама омилҳои ба он таъсиррасонро дарбар мегирад;

2. Дурнамо ва инкишофи ҳамаҷонибаи фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд зери омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта нашудааст.

**3. Гайибназаров Б.К. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Пажуҳишгоҳи баландбардории ихтисоси кадрҳо ва таҳқиқоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, бо чунин эродҳо.**

1. Дар автореферат маълумот аз рейтинги Индекси ҷаҳонии эҳсонкорӣ барои солҳои 2010-2022 оид ба рафтори эҳсонкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Тавсия дода мешавад, ки меъёрҳои интихобро ба ин рейтинг дохил намоянд;

2. Потенсиали эҳсонкории субъектҳои хоҷагидор дар солҳои 2005 - 2020 (саҳ. 61) аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст, ба мақсад мувофиқ аст, ки маълумот барои солҳои 2020-2023 оварда шаванд, то ки хулосаҳои хуб дар кори диссертатсионӣ баровардашуда эътимоднокии баланд пайдо кунанд.

**4. Борталевич Светлана Ивановна – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии Озмоишгоҳи моделсозии интегратсияи авруосиё ва равандҳои хоҷагии ҷаҳонии Муассисаи федералии давлатии буҷетии илмии (ФГБУН) Институти марказии иқтисодӣ-математикии Академияи илмҳои Русия (ЦЭМИ РАН), бо чунин эродҳо.**

Ҳамчун эрод, метавон қайд кард, ки ба таври муфассал баррасӣ кардани марҳилаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии самаранокии ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро ин ба мо имкон медиҳад, ки таъсири онҳо ба фаъолияти иқтисодӣ, ташкилӣ ва муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни эҳсонкорӣ, байни давлат, ташкилоти хайрия, эҳсонкор ва истеъмолкунандагони ин хизматрасониҳо ба вуҷуд меоянд, танзим намояд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои дар соҳаи назарияи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, бахши хусусии иқтисодиёт, идоракунии секторҳои хусусии иқтисодиёт, инчунин назарияҳои низомҳои минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва зернизомҳо, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доктори фалсафа (PhD) дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи илман асоснок пешниҳод шудааст,*** ки дар шароити иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта бо роҳи ташаккул додани фарҳанги эҳсонкорӣ, институтсионализатсияи он, институтҳои миёнраверо ба вуҷуд овардан мумкин аст, ки ба таблиғи фаъолияти эҳсонкорӣ, ҷамъоварии маблағҳои хайриявӣ ва ба таври суроғанок тақсим намудани онҳо дар байни ниёзмандон машғул шуда, бо ҳамин бори гарони рисолати иҷтимоии давлатро андаке сабуктар мекунанд.

- ***пешниҳод шудааст:*** а) таърифи муаллифии фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун **категорияи иқтисодӣ** дар заминаи тавзеҳи моҳияти иқтисодию иҷтимоии мафҳумҳои "эҳсонкорӣ", "ҳасана", "хайрия" чунин дода шудааст, ки "Дар баробари он, ки фаъолияти эҳсонкорӣ дар дар тафаккури ҷомеа ҳамчун амали беғаразона, бидуни подош, фоида ва суд нақш баста бошад ҳам, фаъолияти мазкур, зимни ақидаҳои тамаддунӣ, динӣ ва мазҳабӣ, бахри ноил гаштан ва ба даст овардани манфиатҳо ва қонеъ намудани талаботи ғайримустақими субъекти хоҷагидорӣ равона мегардад"; б) Қайд шудааст, ки баррасии мафҳум ва таҳаввулоти фаъолияти эҳсонкорӣ дар қаламрави Тоҷикистон бидуни таҳлили анъанаҳои миллӣ, таърихӣ ва маънавӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар диссертатсия таснифоти мафҳум ва муҳтавои эҳсонкорӣ дар шакли як ҷадвали муфассал оид ба хусусиятҳои фарққунандаи мафҳумҳои эҳсонкорӣ дар фарҳанги халқи тоҷик дар шакли замима баён шудааст.

- ***исбот шудааст:*** 1) мафҳуми эҳсон ва эҳсонкор ё худ хайр ва хайрхоҳӣ, яке аз мафҳумҳои суннати хаттии мардуми мутамаддини тоҷик буда, зуҳури берунии онро дар ҷузъиёти ҳаёти иҷтимоӣ, динӣ ва ҳатто таърихӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин робита, муҳтавои мафҳумҳои "эҳсон", "эҳсонкорӣ", "садақа", "хайр", "некукорӣ", "инъом", "бахшиш", "ҷуд", "карам" баррасӣ гардида, барои тақвияти андеша ба гуфтаҳои адибону мутафаккирони номвари гузашта истинод карда шудааст; 2) Фалсафаи ниёгони мо таълим медиҳад, ки ҳастии инсон дар некукориву эҳсонкорӣ қарор дорад, вагарна ҳамагӣ барбод хоҳад рафт, эҳсон ва некуӣ на танҳо нисбати ашхоси ниёзманд бояд сурат гирад, балки дар ҳаққи душман некӣ кардан ҳам арзиш ва аҳамияти иҷтимоӣ дорад; 3) Анъанаи эҳсонкорӣ дар шаҳри Хуҷанд дар садаи XX бо овардани мисолҳои фаровон таҳлил шуда, бунёди иншооти аҳамияти иҷтимоидошта ба монанди корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, бемористонҳо, пулҳо, таъмири деворҳои харобгашта, кандани чоҳҳо ва ҳавзҳо аз ҳисоби саховатмандон баён гардидааст.

**- ҷорӣ намудани механизми такмилшудаи** фаъолияти эҳсонкорӣ, бо роҳи бартарафнамоии ассиметрияи иттилоотӣ ва эффекти Веблен пешниҳод шудааст. Тибқи консепсияи «истеъмоли намоишкорона», намояндагони синфи доро маҳсулоти зиёдро харидорӣ мекунанд, на ба хотири он ки бо он маҳсулот талаботи шахсии онҳоро қонеъ мекунанд, балки барои он ки дар байни дигарон «намоён» гарданд, худро чун одамони сарватманд муаррифӣ намоянд (маълум аст, ки дар ин ҷо рафтори одамон ифодакунандаи ҳарифӣ ва ҳисси шуҳратпарастӣ аст). Барои дар фаъолияти эҳсонкорӣ бартараф намудани «эффекти Веблен» кирдорҳои намоишкорона, риёкорӣ дар анҷом

додани корҳои хайр, воқеан ба ниёзҳои ҷомеа нигаронида шудани он, таблиғу ташвиқи эҳсонкорӣ дар расонаҳо, дастгирии давлатӣ ба созмонҳои хайриявӣ зарур мебошанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асарҳои бунёдии олимони иқтисодшинос дар соҳаи назарияи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, бахши хусусии иқтисодиёт, идоракунии секторҳои хусусии иқтисодиёт, инчунин назарияҳои низомҳои минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва зернизомҳо, пешгӯии рушди иқтисодиёти фаъолияти эҳсонкорӣ ташкил карданд, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ баён шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар доираи равишҳои консептуалию методӣ, ки дар мақолаҳои тақризшаванда дар маҷалаҳои КОА, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, Паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ дар қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, сурат гирифтааст.

- ***исбот шудааст:*** зарурати ташаккули фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун воситаи бартарафсозии мушкилоти иҷтимоӣ дар иқтисоди бозорӣ. Собит гардидааст, ки давлат дар иқтисоди бозории тамоюли иҷтимоидошта наметавонад бидуни мавҷудияти институтҳои миёнарав дар фаъолияти хайриявӣ, бидуни ташаккули фарҳанги эҳсонкорӣ дар байни табақаҳои сарватманд ва осудаҳоли ҷомеа аз уҳдаи иҷрои рисолатҳои иҷтимоии худ ба пуррагӣ барояд.

– ***методикаи такмилёфтаи*** ҳисоб карда баромадани иқтидори иқтисодии эҳсонкорӣ тарҳрезӣ ва барои истифодаи илмӣ пешниҳод шудааст: а) таҳти мафҳуми “иқтидори иқтисодии эҳсонкории инфиродӣ” мутаносибии мустақими он аз ҳиссаи андӯхт, ки пулҳои захиравии шахси инфиродиро дарбар мегирад, инъикос менамояд: $ChP_{ind} = 0{,}025M$, ки $ChP_{ind}$ - иқтидори эҳсонкории шахсони инфиродӣ (charitable potential); М-ҳиссаи андӯхт ба шакли пулҳои захиравии шахси инфиродӣ; 0,025- коэффитсиенти эҳсонкорӣ барои шахси инфиродӣ мебошад; б) таҳти “иқтидори иқтисодии эҳсонкории субъекти хоҷагидорӣ” мутаносибии мустақими он аз ҳиссаи фоидаи андозбандишавандаро дарбар мегирад, инъикос менамояд: $ChP_{ent} = 0{,}1P$ , ки $ChP_{ent}$ – иқтидори эҳсонкории субъекти хоҷагидорӣ; $P$ - фоидаи андозбандишавандаи субъекти хоҷагидорӣ; 0,1- коэффитсенти эҳсонкорӣ барои субъекти хоҷагидорӣ мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок:**

- усулҳои таҳлили диалектикӣ ва низомӣ, усулҳои абстраксия ва қиёси илмӣ, мушоҳидаҳои оморӣ, усулҳои гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва тафсири натиҷаҳои ҳосилшуда истифода шуданд.

- ***баён шудани*** методология ва амсилаи пешниҳодкардаи муаллиф метавонад дар фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатии бахши давлатӣ барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғд ва такмили низоми идоракунӣ, ки ба қонеъ

кардани эҳтиёҷоти иҷтимоии минтақаи мазкур равона карда шудааст, истифода шуда метавонанд.

- ***омилҳо ва мушкилоти асосӣ,*** аз он ҷумла: Барои фароҳам шудани пойгоҳи истилоҳотӣ ва вожаномаи марбут ба фаъолияти эҳсонкорӣ ба мақомоти қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ" (2003с) пешниҳод карда мешавад, ки дар ивази калимаҳо, мафҳумҳо, вожаҳое, ки решаи арабӣ доранд, муродифи тоҷикии онҳо ба матни қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ворид карда шаванд. Чунки таҳлил нишон дод, ки калимаҳои "эҳсон", "садақа", "хайрия", "хайрот", "савоб", "сахо", "саховат" этимологияи арабӣ доранд. Ҷойгузини ин вожаҳо, калимаҳои "некӣ", "накӯӣ", "некӯ", "дилсӯзӣ", "диҳиш", "бахшиш" ва амсоли он хос аз решаҳои миллӣ, яъне аз фарҳангу халқи тоҷик сарчашма мегиранд. Бино ба он, пешниҳод мекунем, ки дар баёни фаъолияти эҳсонкорӣ бо такя ба фарҳанги халқи тоҷик бояд аз калимаҳои тоҷикӣ истифода бурда шуда, ба истифодаи илмӣ ворид карда шаванд.

- ***ошкор гардидани тамоюлҳои зерин*** дар натиҷаи таҳлили дастовардҳои иқтисодиёти миллӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ: а) сарфи назар аз таконҳои зиёди берунию дохилӣ, оқибатҳои ногувори ҷанги таҳмилӣ, тағйироти куллӣ дар сохти хоҷагидорӣ ва бӯҳронҳои такроршавандаи ҷаҳонӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта аллакай ба вуҷуд омадааст**; б) дар натиҷаи ибтикороти шахсӣ ва таблиғу роҳнамоиҳои пайвастаи **Пешвои миллат** дар кишвар қишри соҳибкорони саховатманди ватанӣ **ба вуҷуд омадааст**; в) дар кишвар бо назардошти таъсири амиқи арзишҳои маънавии халқи тоҷик, гузаштаи ибратомӯзи он, фарҳанги эҳсонкорӣ ташаккул ёфта истодааст ва ниҳодҳои миёнараве **ба вуҷуд омадаанд**, ки ба ҷамъоварӣ ва тақсими маблағҳои хайриявӣ машғул мебошанд; г) фаъолияти эҳсонкорӣ барои аҳли тиҷорату сарватмандон ба ҳукми анъанаи нек ва уҳдадории шаҳрвандӣ дар назди қишрҳои камбизоати ҷомеа мубаддал гардида, бо ҳамин асоси суботи ҷомеа ва ҳусни тафоҳуми байни табақаҳои он таъмин гардидааст.

- ***аз нав такмил додани:*** 1) усулҳои арзёбии "иқтидори иқтисодии эҳсонкории инфиродӣ" ва "иқтидори иқтисодии эҳсонкории субъекти хоҷагидорӣ"; 2) ҳисоб карда баромадани вазни хоси маблағҳои эҳсонкорӣ нисбат ба маҳсулоти умумии минтақавӣ; 3) ҳисоб карда баромадани таносуби маблағҳои эҳсонкорӣ дар соҳаҳои иҷтимоии кишвар нисбат ба маблағҳои умумӣ; 4) ҳисоб карда баромадани вазни хоси эҳсонкории субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкорони вилояти Суғд зимни шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар тавлид, бунёд ва ба истифода дода шудани фондҳои асосӣ дар солҳои 2016-2022; 5) таҳлили рафтори эҳсонкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси нишондиҳандаҳои: хайрияҳои пулӣ, вақти сарфшуда барои волонтёрӣ ва кумак ба ниёзмандони ношинос.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)** дар амалия дар он аст, ки аксарияти муқаррароти таҳқиқоти илмӣ барои равшанӣ андохтан ва инкишофи назарияи фаъолияти

эҳсонкорӣ, пурра гардидани дониш дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ дар иқтисодиёти бахши давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард.

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълимӣ, дар курсҳои таълимии "Менеҷмент", "Маркетинг", "Иқтисодиёти ҷаҳон", "Андоз ва андозбандӣ", "Молия ва қарз", "Баҳисобгирии муҳосиби таҳлил ва аудит" инчунин дар таҳияи курсҳои махсуси менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ, молия дар соҳаи иҷтимоӣ истифода шуда метавонанд.

- ***пешниҳод шудааст:*** ба мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ниҳодҳои дахлдор, сохторҳо ва воҳидҳои таркибии онҳо дар маҳалҳо ворид намудани нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба фаъолияти эҳсонкории субъектони хоҷагидорӣ ва шахсони инфиродӣ. Бояд нишондиҳандаҳои оморӣ маблағи эҳсонкорӣ, маълумот оид ба бунёди иншоотҳо аз ҳисоби эҳсонкорӣ, факту рақамҳо оид таъсиси ҷойҳои корӣ нав аз ҳисоби эҳсонкориро дар бар гиранд.

- ***ворид карда шудани*** ҳаҷми зиёди маълумоти оморӣ, ҳамчун натиҷаи таҳқиқоти шахсии довталаб ба гардиши илмӣ оид ба натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти эҳсонкории ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар шаҳру навоҳии вилояти Суғд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

***ғояи таҳқиқот*** ба муқаррароти назарияи неоклассикии иқтисодӣ асос ёфтааст, ки пояҳои мафҳумию назариявӣ ва сиёсию иҷтимоии фаъолияти эҳсонкорӣ дар доираи он ташаккул ёфта, ин заминаҳо дидгоҳи муосирро оид ба ин навъи фаъолият дар ҷомеа ба таври мусбӣ созмон дода, дар умум як консепсияи аз тарафи ҳамагон эътирофшудаи эҳсонкорӣ ба вуҷуд омада, хусусиятҳои барҷастаи эҳсонкориро, ки ба дигар зуҳуроту равандҳои иқтисодӣ хос нестанд, махсус қайд мекунад.

- ***самтҳои минбаъдаи*** институтсионализатсияи фаъолияти эҳсонкорӣ ва ташаккули институтҳои иҷтимоӣ, фаъолияти босамари субъектҳои фаъолияти эҳсонкорӣ ва рушди онҳо нишон дода шуда, иқтидори фаъолияти эҳсонкорӣ ва дурнамои рушди он ҳисоб карда баромада шудааст.

- ***методологияи*** пешниҳодкардаи муаллифро оид ба арзёбии "иқтидори иқтисодии эҳсонкории инфиродӣ" ва "иқтидори иқтисодии эҳсонкории субъекти хоҷагидорӣ" дар фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатии бахши давлатӣ барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти эҳсонкорӣ ва амалкарди созмонҳои хайриявӣ истифода бурдан мумкин аст.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 75, 84% ва автореферати он 86,21% нишон додааст.

- дар таҳқиқи диссертатсия доир ба муайян кардани ҳадаф, мавзуъ ва объекти тадқиқот, мудаллал сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот зоҳир

мегардад. Иштироки бевоситаи докторант PhD дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия собит мешавад.

- дар омода ва нашр кардани 19 мақолаи илмӣ, ки аз ҷумла 5 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Мирбобоева Матлюбахон Иброимхоновна дар мавзуи: «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Аксарияти муқаррароти таҳқиқоти илмӣ барои равшанӣ андохтан ва инкишофи назарияи фаъолияти эҳсонкорӣ, пурра гардидани дониш дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ дар иқтисодиёти бахши давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард. Диссертатсия ба бандҳои 7, 9, 16, 18, 19 -и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 07.02.2025 қарори сазовор донистани Мирбобоева Матлюбахон Иброимхоновна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт), қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд (1 нафар тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос: «Тарафдор» – 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ), «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Факеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**07 феврали соли 2025.**